«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода», номзади илмҳои филологӣ, дотсент
________ Назарзода М. М.
«_21_» ___11_______ соли 2025.

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Қаландаров Сарабек Давлатёрович дар мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморати Муттаҳидаи Араб)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Қаландаров Сарабек Давлатёрович дар мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморати Муттаҳидаи Араб)» ба бандҳои **4, 7-9-**уми шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ **мувофиқат мекунад.**

Дар журналистикаи тоҷик солҳои охир ба масъалаи омӯзишу пажӯҳиши нақши воситаҳои ахбори омма дар инъикоси равобити мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон диққати махсус дода мешавад. Аз ин ҷиҳат, рисолаи доктории Қаландаров Сарабек Давлатёрович ба мавзуи мубрами равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс бахшида шуда, муаллиф дар ҷараёни таҳқиқ ба дастовардҳои муайян ноил гардида, мавзуи интихобшуда дар журналистикаи тоҷик аз зумраи мавзуъҳои камшинохта мебошад.

Диссертатсия дар инкишофу вусъати пажӯҳиши илмӣ доир ба мавзуи инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистон бо мамлакатҳои гуногуни дунё манфиатовар хоҳад буд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар замони муосири ҷаҳоншавӣ, пешрафти бесобиқаи технологияҳои иттилоотӣ ва таваҷҷуҳи зиёди аҳолӣ

ба Интернет ба таҳқиқ кашидани мавзуи нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморати Муттаҳидаи Араб) саривақтӣ ба ҳисоб меравад. Зеро воситаҳои ахбори омма дар инъикоси равобити мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои арабзабони Халиҷи Форс дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон нақши калон дошта, **аҳаммияти** зиёд ҳам дорад. Таҳқиқи мавзуи мазкур дар Тоҷикистон нав ба ҳисоб рафта, аз **мавзуъ ва масоили мубрами** илми журналистикаи тоҷик мебошад.

Дар ҷаҳони пурталотуми муосир сарфи назар аз шаклҳои гуногуни давлатдориву низомҳои гуногуни сиёсӣ, дар омӯзиши таҷрибаи пешқадами ҳамдигар ва ноил гаштан ба пешрафт тавассути муносибату ҳамкориҳо бо кишварҳои гуногун воситаҳои ахбори омма ба сифати пуртаъсиртарин василаи хабаррасонӣ ва таҳкими равобитҳои гуногунсатҳ нақши муҳим мебозанд. Дар шароити рақобати иттилоотӣ тамоми кишварҳои дунё кӯшиш менамоянд, ки дар самти таблиғу ташвиқи ҳадафҳои дар пеш гузоштаашон фаъол бошанд. Дар баробар ин, воситаҳои ахбори омма бобати ба роҳ мондан ва рушди муносибатҳои гуногунҷанбаи кишварҳои гуногуни ҷаҳон заминаи мусоид фароҳам оварда метавонанд. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс собит месозанд, ки дар ҷараёни оммавигардонии муносибатҳои ин кишварҳо воситаҳои ахбори омма нақши **муҳим** доранд.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд**. Пажӯҳиш ва маводди гирдоваришудаи унвонҷӯ ӯро ба натиҷае расонидааст, ки истифодаи гузоришҳои илмӣ ва хулосаҳои бадастомада дар ҷараёни таҳқиқ ва таълиму тадриси рӯзноманигории тоҷик бисёр пураҳаммиятанд. Хулосаю пешниҳодҳои довталаби дараҷаи илмӣ натиҷа ва бардошт аз баррасии масъалаҳои дар бобу фаслҳои рисола матраҳшуда буда, асос ва ҷанбаи хуби илмӣ доранд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда**. Навгонии кори диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар рӯзноманигории тоҷик мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморати Муттаҳидаи Араб)» мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, масъалаҳои мартуб ба омилҳои пайдоиш ва ташаккули ин мавзуъ баррасӣ шудаанд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия** дар таҳқиқи масъалаҳои меҳварӣ, хусусан, инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистон бо мамлакатҳои араб дар воситаҳои ахбори омма муайян ва мушаххас мегардад. Инчунин, нуктаҳои норавшани ин мавзуъ шарҳ ёфта, дар таҳкиму тақвият бахшидани равобити миёни кишварҳо мусоидат менамояд. Аҳаммияти амалии диссертатсияи мазкур дар он зоҳир меёбад, ки аз маводди диссертатсия, натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои илмии он метавон дар навиштани мақола, таълифи диссертатсияҳои илмӣ, пажӯҳиши масъалаҳои ҷудогонаи рӯзноманигории тоҷик, таълифи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ барои донишҷӯёну магистрантҳо, аспирантон ва унвонҷӯёни факултетҳои журналистикаи донишгоҳу донишкадаҳои Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти махсуси журналистӣ истифода намуд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои пажӯҳиши диссертатсионии Қаландаров Сарабек Давлатёрович аз чанд ҷиҳат эътимоднок буда, пеш аз ҳама, дар заминаи ҷустуҷӯ, нақду баррасӣ, муҳокимаю мубоҳиса ва дар асоси далелҳо ба натиҷаҳои мушаххас расидани ӯ муайян мешаванд. Кори пажӯҳишии мазкур бо барномаҳои илмӣ пайванди қавӣ дошта, дар ҳар фаслу зерфасл ва бобу дигар бахшҳои кори диссертатсионӣ баҳсҳои хуби илмӣ ва натиҷагириҳои асоснок ба назар мерасанд. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки фарогири 10 бananд, асоси илмӣ дошта, натиҷаҳои таҳқиқ ба шакли ҷамъ дар 22 банд пешниҳод шудаанд, ки боэътимоду асосноканд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ҷамъоварии маводди назарию амалӣ, омӯзиш ва натиҷагирӣ аз таҳқиқоти олимони соҳа, фарогирӣ ва муқоисаю баҳрабардорӣ аз назариёти олимони ватаниву хориҷӣ, омода намудани мақолаю маърузаҳо доир ба мавзуи мазкур зоҳир мегардад. Пажӯҳиши баанҷомрасида маҳсули заҳмати чандсолаи диссертант буда, дар шакли диссертатсия ба анҷом расидааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшаванда**. Муҳтавои асосии кори диссертатсионии Қаландаров Сарабек Давлатёрович ва хулосаву натиҷагириҳои ӯ аз пажӯҳиши мавзуи мавриди назар дар 1 монография ва 28 мақолаи илмӣ инъикос ёфта, аз ин теъдод 21 мақолаи диссертант дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда

интишоршуда муҳтавои асосии бобу фаслҳои диссертатсияро фаро гирифтаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Нақши воситаҳои ахбори омма дар инъикоси равобити мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои арабзабони Халиҷи Форс, ки дар диссертатсия таҳлилу арзёбӣ гардидаанд, нишонгари он аст, ки таҳқиқ ба таври шоиста анҷом дода шуда, бахши асосии он ҳангоми шарҳу баёни мафҳуму истилоҳоти марбут ба масъалаҳои инъикоси равобити мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои арабзабони Халиҷи Форс маводди қобили мулоҳиза мебошад. Ба таври умум, мавзуи омӯзиши инъикоси равобити мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои арабзабони Халиҷи Форс дар шинохту маърифати эҷодӣ ва ҷойи он дар журналистикаи муосири тоҷик пураҳаммият мебошад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи Қаландаров Сарабек Давлатёрович аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, 4 боб, 10 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия таркиб ёфта, ҳаҷми умумии кор 384 саҳифаи чопи компютериро фаро мегирад.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрамияти мавзуи пажӯҳиш, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои методологӣ ва сарчашмаҳои он, равишҳо ва навгониҳои таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарию амалии пажӯҳиш, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тавсиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва ғайра ба таври муфассал нишон дода шудаанд.

**Боби якуми** диссертатсия «**Раванди ташаккули муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс**» унвон дошта, пажӯҳиши ин масъала дар ду фасл анҷом дода шудааст. Дар фасли аввали боби якум- **«Мавқеи кишварҳои араб дар ҷаҳони муосир»** намудҳои имрӯзаи ҳаёти сиёсии мамолики Шарқи Араб ба пажӯҳиш кашида шудааст. Диссертант баъди омӯзишу баррасии ин мавзуъ ба хулосаи дуруст омада қайд мекунад, ки сохти давлатдории мамлакатҳои араби Халиҷи Форс нисбати сиёсати давлатдории кишварҳои дигар фарқ карда, дар ин ҷо низоми шоҳигарӣ ва султонӣ амал мекунад. Аммо дар самти сиёсати хориҷии хеш кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки дар минтақа нақши муҳим ва ҳалкунанда дошта бошанд.

Дар фасли дуюми ҳамин боб – «**Аз таърихи робитаҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб**» ҷараёни ташаккули муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳои Тоҷикистон бо мамолики араби Халиҷи Форс, махсусан ШАС, Қатар ва АМА

ба таҳқиқ кашида шуда, унвонҷӯ баъди омӯзишу баррасӣ ба чунин хулоса меояд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози соҳибистиқлолӣ ба эҳё ва густариш намудани ҳамкориҳои васеъ бо кишварҳои араби Халиҷи Форс таваҷҷуҳ намуда, барои ҷалби бештари сармояи мустақими хориҷӣ дар доираи сиёсати дарҳои боз заминаҳои меъёрию ҳуқуқиро фароҳам овардааст, ки ширкатҳои ин мамлакатҳо ҳар чи бештар бо сармояи хеш дар амалӣ кардани лоиҳа ва барномаҳо дар самти истихроҷу коркарди маъданҳои кӯҳӣ, саноати сабук, бунёди нерӯгоҳҳои хурду миёнаи обӣ-барқӣ, такмили инфрасохтори нақлиётӣ, сохтмон, кишоварзӣ, бонкдорӣ, рушди сайёҳӣ ва аз баҳрабардории татбиқи онҳо манфиат гирад (диссертатсия, с. 91).

Боби дуюми диссертатсия **«Инъикоси муносибатҳои мутақобилаи Тоҷикистону кишварҳои араб дар агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс»** аз се фасл иборат мебошад. Дар фасли якум – **«Воқеоти Тоҷикистон дар Агентии иттилоотии Саудӣ»** инъикоси воқеаву рӯйдодҳои муҳимми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Агентии иттилоотии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирифтааст. Пажӯҳиши маводди Агентии иттилоотии Саудӣ диссертантро ба чунин хулоса овардааст, ки дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаҳои дипломатию иқтисодии Тоҷикистон бо Арабистони Саудӣ дар баргузории сафарҳои расмии роҳбарони ду давлат, вохӯриҳо, форумҳои сармоягузорӣ ва ғайраҳо густариш ёфтаанд. Инъикоси ин рӯйдодҳои муҳим дар Агентии иттилоотии Саудӣ боиси инкишофи муносибат миёни кишварҳо ва муаррифии Тоҷикистон дар олами араб гардидааст.

Фасли дуюми боби дуюм **«Баррасии масоили муносибатҳои дуҷониба дар Агентии иттилоотии Қатар»** ном дошта, дар он нақши Агентии иттилоотии Қатар дар инъикоси рӯйдодҳои муҳимм дар самти муносибат ва ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Қатар пажӯҳиш гардидааст. Агентии иттилоотии Қатар зиёдтар ба ҷараён ва натиҷаи сафарҳои расмии роҳбарони Тоҷикистону Қатар таваҷҷуҳ кардааст. Аз баррасии маводди ин агентӣ дар бораи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки аз матолиби сомонаҳои кишварҳои хориҷӣ бисёр истифода шудааст. Бештари мавод хусусияти иттилоотӣ дошта, муносибат ва мавқеи аниқ дар баррасии рӯйдодҳо камтар ба мушоҳида мерасанд.

Фасли сеюми ҳамин боб – **«Нақши Агентии иттилоотии Аморот дар инъикоси воқеаҳои Тоҷикистон»** ба пажӯҳиши инъикоси воқеаҳои Тоҷикистон дар Агентии иттилоотии Аморот бахшида шудааст. Унвонҷӯ баъди таҳлил ба хулоса омада таъкид мекунад, ки Агентии иттилоотии Аморот ба масъалаҳои ҳамкорӣ ва муносибатҳои байни Тоҷикистон ва Аморати

Муттаҳидаи Араб зиёдтар таваҷҷуҳ намуда, дар муқоиса бо агентиҳои иттилоотии дигари кишварҳои араб рӯйдодҳои муҳимми Ҷумҳурии Тоҷикистонро холисона инъикос кардааст.

**Боби сеюми диссертатсия «Мавқеи ВАО-и Тоҷикистон дар бозтоби муносибатҳои дуҷониба бо кишварҳои араб»** низ дар се фасл мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Дар фасли якуми боби сеюм – **«Таҳлили мундариҷавии маводди АМИТ «Ховар»»** маводди инъикоскунандаи муносибатҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб ба таҳқиқ кашида шудааст.

Диссертант баъди таҳлили амиқи фаъолияти АМИТ «Ховар» қайд мекунад, ки агентии болозикр дар ҳеҷ кишвари араб намояндагии худро надорад ва ягон рӯзноманигори он ба хотири инъикоси ҳаёти ин кишварҳо ба он ҷо сафар накардааст, ҳамаи маводди нашргардида дар такя ба иттилооти сомонаҳои интернетӣ ва оҷонсиҳои иттилоотии кишварҳои хориҷӣ нашр гардидааст, ки бозгӯи бевоситаи мавқеи агентӣ намебошад Бо ин сабаб дар маводди АМИТ «Ховар» баъзан мавқеъгирии журналистони рус, кишварҳои ғарб ва баъзан кишвари Эронро мушоҳида кардан мумкин аст. Бо вуҷуди ин, АМИТ «Ховар» тавонистааст, ки рӯйдодҳои муҳимми олами арабро дар фазои хабарии Ҷумҳурии Тоҷикистон пахш намуда, ба ин восита аҳолии Тоҷикистонро ба ҳолати рӯйдодҳо ва моҳияти онҳо шинос намояд.

Фасли дуюми ҳамин боб – **«Вижагиҳои мавзуӣ ва масъалагузориҳо дар «Азия-Плюс»»** инъикоси ҷараёни ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо кишварҳои араби Халиҷи Форс, махсусан ШАС, Қатар ва АМА дар сомонаи Агентии иттилоотии «Азия-Плюс» фаро гирифта, дар такя ба манбаъҳои гуногун рӯйдодҳои муҳимму аҳаммияти иҷтимоӣ доштаро инъикос кардааст.

Дар фасли сеюми боби сеюм – **«Таҳлили таносубии маводди сомонаи «Pressa.tj»»** унвонҷӯ баъди таҳлили маводди ин сомонаи иттилоотӣ ба хулосаи дуруст омада чунин навиштааст: «Умуман, «Pressa.tj», ки сомонаи интернетии ҳафтаномаи «Тоҷикистон» аст, воқеаҳои алоқаманд ба муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳои гуногунсамтаи Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс, бахусус ШАС, АМА ва Қатарро пайгирӣ намуда, то қадри имкон хонандагони худро аз вазъ ва ҳолати муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистону кишварҳои араб ошно намудааст» [диссертатсия, с. 260].

**Боби чаҳоруми диссертатсия «Вижагиҳои жанрии маводди ВАО марбут ба муносибатҳои дутарафаи Тоҷикистон ва кишварҳои араби Халиҷи Форс»** аз ду фасл иборат буда, дар он масъалаи тарзи инъикоси мавзуи мавриди пажӯҳиш дар қолаби жанрҳои журналистика ба таҳқиқ кашида шудааст. Дар

фасли якуми ин боб – **«Инъикоси ҳамкориҳои Тоҷикистону кишварҳои араби Халиҷи Форс дар қолаби жанрҳои хабарӣ»** мавзуи инъикоси рӯйдодҳои муҳим бобати ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс дар воситаҳои ахбори хабарӣ ба пажӯҳиш кашида шудааст. Баъди омӯзиши маводди таҳқиқшаванда диссертант бобати истифодаи жанрҳои хабарӣ андешаи хешро саҳеҳ баён намуда, ба ин натиҷа расидааст, ки дар инъикоси предмети таҳқиқ аз жанрҳои иттилоотии хабар, ҳисобот, мусоҳиба ва репортаж истифода шудааст. Вале таносубан истифодаи жанрҳои иттилоотии хабар ва ҳисобот бартарӣ доранд. Хабарҳо бо намудҳои расмӣ, кӯтоҳ ва васеъ истифода шуда, муҳтавояшон баъзан аз доираи факти мушаххас берун баромадааст. Ё чанд рӯйдоди муҳим аз саршавӣ то анҷом, ба шакли умумӣ дар як хабар иттилоъ дода шудааст.

Фасли дуюми боби чорум, ки **«Корбурди жанрҳои таҳлилӣ дар инъикоси муносибатҳои дуҷонибаи кишварҳо»** ном дорад, ба таҳқиқи махсусияти жанрҳои таҳлилӣ дар инъикоси муосибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс бахшида шудааст. Аз таҳлилҳои муқоисавӣ муаллифи диссертатсия ба хулосаи дуруст омада, таъкид мекунад, ки дар инъикоси ҳамкориҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс агентиҳои иттилоотии ҳарду кишвар жанрҳои табсира, нигориш ва мақоларо ба кор бурдаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант дар 22 банд манзур гардида, онҳо натиҷаи ҷустуҷуву баррасиҳои пурвусъати ӯст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда, агар, аз як тараф, ба таври васеъ баррасии мавзуъро нишон диҳад, аз тарафи дигар, баёнгари сатҳи хуби илмии ин кори диссертатсионӣ мебошад. Инчунин, ин нуктаро баҳсҳои довталаб бо муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар заминаи рӯзноманигорӣ собит месозад. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мутобиқат мекунад.

Автореферати диссертатсия ва маводди нашрнамудаи муаллиф фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, 21 номгӯйи он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расиданд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Қаландаров Сарабек Давлатёрович дар мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ,

Қатар ва Аморати Муттаҳидаи Араб)» ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад. Илова бар ин, лаёқати хуби илмии довталаби дараҷаи илмӣ қобили таваҷҷуҳ буда, фаъолият ва таълифоти илмии ӯ бевосита ба самти рӯзноманигорӣ иртибот ва мувофиқат мекунанд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар кори диссертатсионии тақризшаванда дар баробари муваффақиятҳои илмӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад шуд:

1. Ба назари мо, номи диссертатсия – «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморати Муттаҳидаи Араб)» ислоҳталаб аст. Зеро мафҳуми ВАО маънои васеъ дошта, соҳаҳои матбуот, радио, телевизион ва агентии иттилоотиро дарбар мегирад. Агар диссертатсия дар шакли «Нақши агентиҳои иттилоотӣ дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморати Муттаҳидаи Араб)» унвонгузорӣ мегардид, мантиқан дуруст мешуд.

2. Унвонии боби сеюм – «Мавқеи ВАО-и Тоҷикистон дар бозтоби муносибатҳои дуҷониба бо кишварҳои араб» низ ба ислоҳ ниёз дорад. Зеро дар ин боб мавқеи агентиҳои иттилоотии АМИТ «Ховар», «Азия-Плюс» ва сомонаи «Pressa.tj» ба таҳқиқ кашида шудаасту халос ва тамоми ВАО-и Тоҷикистонро дарбар намегирад. Аз ин рӯ, боби сеюмро «Мавқеи агентиҳои иттилоотии АМИТ «Ховар», «Азия-Плюс» ва сомонаи «Pressa.tj» дар инъикоси муносибатҳои дуҷониба бо кишварҳои араб» номгузорӣ кардан мувофиқи мақсад мебошад.

3. Ба андешаи мо, дар боби чаҳоруми диссертатсия – «Вижагиҳои жанрии маводди ВАО марбут ба муносибатҳои дутарафаи Тоҷикистон ва кишварҳои араби Халиҷи Форс», ки ба таҳқиқи махсусиятҳо, истифодаи жанрҳои иттилоотӣ ва таҳлилӣ бахшида шудааст, мебоист, ки фасли сеюм низ бо унвонии «Махсусиятҳои жанрҳои иттилоотию таҳлилӣ дар инъикоси муносибатҳои дутарафаи Тоҷикистон ва кишварҳои араби Халиҷи Форс» илова мегардид. Дар ин сурат, боби чаҳоруми диссертатсия боз ҳам пурратар мегашт.

4. Дар диссертатсия дар баробари услуби илмӣ услуби публитсистӣ низ истифода шуда, дурӣ ҷустан аз он ба кори илмӣ-таҳқиқӣ аҳаммияти илмии бештар мебахшад.

5. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия: 7, 28, 84, 178, 238 ва 309 ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳанд шуд.

Кабудиҳои зикргардида ҷузъӣ буда, дар умум, арзиши илми кори пажӯҳишии мазкурро халалдор намесозанд. Зеро диссертант вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро дар сатҳи лозимӣ ба анҷом расонидааст. Аз диссертатсияи доктории тақризшаванда маълумоти мушаххаси илмию амалии асоснок ва далелҳои ҷолиброро дар мавзуи нақши воситаҳои ахбори омма дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамлакатҳои хориҷӣ дарёфт намудан имконпазир аст. Диссертатсия кори анҷомёфтаи илмӣ буда, онро дастоварди тоза дар журналистикаи тоҷик муаррифӣ намудан мумкин мебошад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мувофиқ мебошад.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Қаландаров Сарабек Давлатёрович дар мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморати Муттаҳидаи Араб)» бо муҳиммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва вусъати таҳқиқи масъалаҳои ба миён гузоштшуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» Муъминҷонов Зулфиддин омода гардида, дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои журналистикаи телевизион ва радиошунавонӣ, санъатшиносӣ ва

назарияи мусиқӣ санаи 23-уми сентябри соли 2025 муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 9 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 9 нафар, зид – «нест», бетараф – «нест».

Суратҷаласаи №1, аз 23.09.2025.

**Раиси ҷаласа:**
доктори илмҳои санъатшиносӣ,
профессори кафедраи санъатшиносӣ
ва назарияи мусиқии МДТ
«Донишкадаи давлатии фарҳанг
ва санъати Тоҷикистон ба номи
Мирзо Турсунзода» **Улмасов Фирӯз**

Мудири кафедраи журналистикаи
телевизион ва радиошунавонии
МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг
ва санъати Тоҷикистон ба номи
Мирзо Турсунзода» **Ғалимова Моҳинур**

**Эксперт:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи журналистикаи телевизион
ва радиошунавонии МДТ
«Донишкадаи давлатии фарҳанг
ва санъати Тоҷикистон ба номи
Мирзо Турсунзода» **Муъминҷонов Зулфиддин**

**Котиби илмии ҷаласа:**
доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи
ихтисоси рӯзноманигорӣ, муаллими
калони кафедраи журналистикаи
телевизион ва радиошунавонии
МДТ «Донишкадаи давлатии
фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода» **Мулоева Нишона**

**Имзоҳои Ф. Улмасов, М. Галимова,**
**З. Муъминҷонов ва Н. Мулоеваро тасдиқ мекунам:**
сардори раёсати кадрҳои МДТ «Донишкадаи
давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода» **Нуридинзода Фаридун**

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734032, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 73а.
Телефон: (+992 37) 231- 45- 45. E-mail: www.ddst.tj
24 сентябри соли 2025